Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
(ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич ба диссертатсияи Имомализода Баҳодур Бобомурод дар мавзуи «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

1. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илме, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.** Ҳамчун муқарризи расмӣ муқаррарот ва муҳтавои таҳқиқоти илмии Б.Б. Имомализодаро дар мавзуи «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳлилу баррасӣ намудем ва ба хулосае омадем, ки диссертатсияи мазкур воқеан ба зербандҳои 1.5; 2.14; 9.1; 9.5; 10.5 ва 10.23 Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат карда истодааст.

2. **Арзёбии мубрамии мавзуи интихобшуда.** Диссертатсияи Имомализода Баҳодур дар ҳақиқат ба мавзуи мубраму таҳлилталаби илмӣ бахшида шудааст. Бо назардошти он, ки зиёда аз се ду ҳиссаи аҳолии мамлакат дар деҳот зиндагӣ мекунанд, масъалаи ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, кам кардани сатҳи камбизоатӣ, ҷоннок кардани фаъолияти соҳибкории хурд, алалхусус дар байни аҳолии деҳот, басо муҳим буда, мубрамии он ҳатто дар СМР-2030 махсус қайд гардидааст. Аз тарафи дигар, чуноне муаллиф қайд кардааст, ҳақиқатан «...равандҳои маблағгузории хурд дар ҷумҳурӣ ҳанӯз пурра ҳалли худро наёфтаанд» ва «хизматрасонии маблағгузории хурд дар заминаи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ тавсиф карда нашудааст».

Ҳамзамон, рушди маблағгузории хурд аҳамияти бузурги иҷтимоӣ дошта, барои ба низоми муносибатҳои молиявию қарзӣ ворид кардани аҳолии камбизоат, бо хизматрасониҳои молиявӣ фаро гирифтани онҳо, тақвият додани рушди соҳибкории хурд омили муҳим маҳсуб меёбад. Ҳамин тавр, маблағгузории хурд ин дастгирии молиявии соҳибкории хурду миёна ба ҳисоб рафта, дар заминаи ҳавасмандгардонии инкишофи соҳибкорӣ омили калидии дастрасӣ ба мақсадҳои сиёсати давлатӣ мебошад. Хизматрасониҳои молиявӣ ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна имконияти дастрасӣ ба маблағҳоро

дар марҳилаи ибтидоии инкишофи соҳибкорӣ дода, шароитҳои муносибро барои истифодаи ин маблағҳо муҳайё ва барои инкишофи минбаъдаи васеи соҳибкорӣ ҳавасманд мегардонад. Бо назардошти ин гуфтаҳо, таҳлили равандҳои ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд, мушаххаснамоии мушкилоти соҳа ва таҳияи пешниҳодҳои илман асоснок оид ба ҳалли онҳо дар шароити кишвар, ки ҳамчун мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дода шудааст, мубрам арзёбӣ мегардад.

3. **Дараҷаи навгонии натиҷаҳои диссертатсия ва муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки равандҳои маблағгузории хурд аз ҷиҳати илмӣ ва назариявӣ асоснок карда шуда, ҷанбаи иҷтимоии он возеҳ нишон дода шуда, ташаккулёбии онҳо дар низоми молиявӣ-қарзӣ пайгирӣ шуда, барои баланд бардоштани самаранокии онҳо тавсияҳои илмию амалӣ пешниҳод гардидааст.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки натиҷаҳои зерини таҳқиқоти тақризшаванда дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

*Якум*, муаллифи диссертатсия бо назардошти мақсади гузоштааш нисбат ба мафҳуми маблағгузории хурд таърифи мукаммалтари илмиро пешниҳод кардааст, ки дар пояи таҷзияи мантиқии он ба муносибатҳои мушаххаси молиявию қарзии байни тарафҳо ва риояи принсипҳои асосии бозгардандагӣ, пардохтпазирӣ, эътимоднокӣ ва истифодаи мақсаднок, бо мақсади вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, таҳия гардидааст.

*Дуюм*, принсипҳо ва вазифаҳои маблағгузории хурд ҳамчун омили паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини устувории ташкилотҳои қарзӣ, мушаххас ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар танзими фаъолияти маблағгузории хурд таҳқиқу барои истифода пешниҳод шудааст.

*Сеюм*, дар асоси таҳлили дараҷаи таъсири омилҳои гуногун (тавозун, хизматрасонӣ, пасандозҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бозори молиявӣ) иқтидори ташкилотҳои қарзӣ дар соҳаи маблағгузории хурд муайян карда шудааст.

*Чорум*, мушкилоти асосии боздорандаи рушди бозори маблағгузории хурд дар кишвар (набудани масъулияти ҳатмии молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар назди мизоҷон ва низоми суғуртакунонӣ, паст будани меъёри пасандозҳо, саводнокии нокифояи молиявии қарзгирандагон, меъёрҳои баланди қарз, рақобати қавӣ бо қарздиҳандагони ғайриконунӣ) ошкор карда шудааст.

*Панҷум*, сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии амонатии хурд барои солҳои 2015-2022 таҳлил гардида, бо истифода аз усулҳои оморию математикӣ, моделҳои силсилаи вақт, дурнамои маблағгузории хурд ва пардохтҳои онҳо дар ташкилотҳои қарзӣ барои солҳои 2023-2030 таҳия гардидааст.

*Шашум*, стандартҳои муосири маблағгузории хурд таҳия гардида, оид ба фаъолсозии онҳо дар ҷумҳурӣ тавсияҳои амалию методӣ, пешниҳодҳои илман асоснок оид ба сохтори сесатҳаи низоми бонкӣ пешниҳод шудаст.

Дараҷаи навгонии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо он асоснок карда мешавад, ки дар он пойгоҳи мафҳумии маблағгузории хурд мукаммал карда шуда, хусусиятҳо, принсипҳо ва методҳои ташкили маблағгузории хурд таҳлил ва вазъи муосири маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст. Маблағгузории хурд, ҳамчун шакли махсуси миёнаравии молиявӣ нишон дода шуда, роҳҳои бартарафсозии омилҳои маҳдудкунандаи рушди он дар кишвар пешниҳод, дурнамои маблағгузории хурд ва дурнамои қарзҳои хурди додашуда ва пардохти онҳо дар ташкилотҳои қарзӣ барои то соли 2030 таҳия ва усулҳои мукаммалгардонии маблағгузории хурд дар Тоҷикистон ироа гардидаанд.

4. **Арзёбии аҳамияти илмию амалӣ ва иқтисодию иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳамияти илмии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявию методологии таҳияшударо барои таҳқиқотҳои минбаъда дар соҳаи инкишофи бахши маблағгузории хурд истифода бурдан мумкин аст. Дар диссертатсия таҳлили иқтисодию назариявӣ ва молиявии ҳолати фаъолияти бахши маблағгузории хурд амиқтар карда шуда, ба қишрҳои аз ҳама осебпазири аҳолӣ ва истеҳсолоти хурд нигаронида шудани маблағгузориҳои хурд асоснок карда шудааст

Натиҷаҳои амалии таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бахши маблағгузории хурд дар кишвар, ҷустуҷӯйи захираҳо барои рушди барномаҳои дарозмуддати дастгирии соҳибкории хурд ва аҳолӣ, арзёбии хавфҳои қарзии маблағгузории хурд, асосҳои меъёрию муҳосибии онҳо тибқи тавсияҳои Базелӣ, таҳияи стратегияи амсиласозии низоми қарзӣ бо дарназардошти инкишофи барномаҳои дастгирии фаъолияти маблағгузории хурд мусоидат намоянд. Бар замми ин, натиҷаҳои таҳқиқотро ҷиҳати такмили ҷараёни таълими фанҳои: «Хавфи молиявии менеҷмент», «Ташкили маблағгузории хурд», «Хавфҳои қарзӣ», «Фаъолияти бонкӣ» истифода бурдан мумкин аст.

5. **Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаванда.** Ҳамаи мақолаҳои интишоркардаи муаллифи диссертатсия фарогири муқаррароти асосӣ, муҳтавою хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқот мебошанд. Таҳлил нишон дод, ки вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда муаллиф дар умум 14 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 7.2 ҷ.ч, аз ҷумла, 11 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. Мазмуни асосии

диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза гардида, баҳои мусбат гирифтаанд.

6. **Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия тибқи талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Аз баррасии диссертатсияи тақризшавандаи Имомализода Б.Б. маълум гардид, барасмиятдарории он тибқи меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм сурат гирифта, ба талаботҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии мавҷуда комилан мувофиқат мекунад.

7. **Натиҷаҳои кори илмӣ, ҷанбаҳои мусбии таҳқиқот.** Диссертатсияи тақризшаванда аз сарсухан, се боб, нуҳ зербоб, 20 ҷадвал, 9 расм, 4 диаграмма, хулоса ва пешниҳодот иборат буда, бо истифода аз 196 сарчашма таҳия карда шуда, дар 171 саҳифаи чопӣ баён гардидааст.

Дар **муқаддимаи** кор қисматҳои ҳатмии мушаххасот ва тавсифи умумии он тибқи талабот дода шуда, муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ба таври барҷаста нишон дода шудаанд.

**Дар боби аввали кор,** ки ба таҳқиқи асосҳои назариявию методии ташкили маблағгузории хурд бахшида шудааст, дар баробари асосҳои назариявӣ, инчунин хусусиятҳо, принсипҳо ва методҳои ташкили маблағгузории хурд ва таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба рушди маблағгузории хурд ва имконияти татбиқи он дар Тоҷикистон баррасӣ шудааст (С.14-61).

Дар зербоби 1.1 муаллиф, дар баробари умумияти зиёд доштан, инчунин мутафовит будани маънои истилоҳи "маблағгузории хурд"-ро аз "қарзҳои хурд" чунин шарҳ додааст: "Фарқияти аслии онҳо дар он аст, ки маблағгузории хурд ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба гурӯҳи одамон пешниҳод карда мешавад, дар ҳоле ки қарзи хурд маъмулан ба шахсони воқеӣ дода мешавад. Ҳамзамон, тафовути қарзи хурд аз маблағгузории хурд дар пайгирии ҳадафҳои мухталиф аст. Одатан, қарзи хурд бо мақсадҳои кӯтоҳмуддат дода мешавад, маблағгузории хурд бошад, ҳам ба мақсади кӯтоҳмуддат ва ҳам дар дарозмуддат дода мешавад" (С.14). Дар саҳифаҳои баъдӣ ба ҷуз аз додани қарзҳои ба истилоҳ «хурд», ҳамзамон номгӯи сершумори хизматрасониҳои дигари молиявиро, ба мисли лизингу суғурта ва хизматрасониҳои пасандозӣ фаро гирифтани «маблағгузории хурд» таъкид шудааст (С.17). Ҳамчун хулосаи таҳлили амиқи муҳтавои адабиёти илмии ба мавзуи мазкур бахшидашуда муаллиф, барои тавзеҳи мавқеъҳо ва дидгоҳҳои ниҳодҳои бонуфузи байналмилалии молиявӣ ва олимони маъруф онро дар шакли ҷадвали алоҳида (ҷадвали 1.1) манзур кардааст (С.21). Дар баробари таҳқиқи мавқеи олимони хориҷӣ, муаллиф аз назари олимони ватанӣ низ баҳравар гаштааст (С.20, 31, 32, 42 ва ғ.). Санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар кишвар таҳлил карда шудаанд (С.22-25).

Дар зербоби 1.2 муаллиф вазифаҳои иқтисодии маблағгузории хурдро чунин номбар кардааст: 1) густариш ва тавсеаи бахши соҳибкории хурд; 2) беҳтарсозии фаъолияти низоми молиявӣ ва тавсеаи фарогирии он; 3) таъмини суботи молиявии соҳибкории хурд; 4) барои ин категорияи қарзгирандагон ба вуҷуд овардани таърихи қарзӣ, ки имконияти дар оянда ба қарзҳои бонкҳои анъанавӣ дастрасӣ пайдо кардани онҳоро зиёд мекунад; 5) тавсеаи феҳристи хизматрасониҳои молиявӣ ва тақвияти сатҳу сифати онҳо (С.27). Дар идома вазифаҳои иҷтимоии маблағгузории хурд бо такя ба андешаҳои олимони "дар коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва кам кардани бахши ғайрирасмии молиявӣ дар иқтисод" ва ба андешаи худи муаллиф, иловатан вазифаҳои "1) ҳавасмандгардонии фаъолнокии соҳибкорӣ; 2) зиёд кардани шаффофияти фаъолияти қарзгиранда; 3) омили ғайриҷиноятӣ кардани тиҷорат" нишон дода шудаанд (С.27). Вижагиҳо, вазифа ва принсипҳои чараёни бароҳмонии маблағгузориҳои хурд, ки дар худ рисолати иҷтимоиро инъикос мекунанд, дар шакли расм манзур гардидаанд (расми 1.1, с. 28).

Дар зербоби 1.3 муаллиф фаъолияти маблағгузории хурдро дар баъзе аз мамлакатҳои ҷаҳон дар шакли ҷадвали алоҳида дида баромадааст (ҷадвали 1.2. с. 46-47). Муаллиф таҷрибаи кишварҳои ИА, ИМА, Амрикои Лотинӣ, Ҳиндустон, Британияи Кабир, Минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором, Ҷопон, Бангладеш, Россия мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф, оид ба имкониятҳои дар амал ҷорӣ намудани баъзе аз таҷрибаи хуби кишварҳои хориҷӣ чунин хулоса кардааст, ки шаклҳои ҳуқуқии роҳандозии маблағгузории хурд дар ҳамаи кишварҳо яксон набуда, бо назардошти сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, собиқаи таърихӣ ва менталитети ҷомеа, дараҷаи саводнокии молиявии аҳолӣ ташаккул ёфтааст. Аз ҳама бештар чунин шаклҳои ташкилию ҳуқуқии маблағгузории хурд, ба монанди иттиҳодияҳои қарзӣ, кооперативҳои қарзӣ, гурӯҳҳои кумаки байниҳамдигарӣ, ниҳодҳои ғайридавлатии молиявӣ, иттифоқҳои қарзӣ ва албатта, бонкҳои тиҷоратию давлатиро номбар кардан мумкин аст (С.58).

**Дар боби дуюми кор,** ки ба таҳлили вазъи муосири ташаккули маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, муаллиф вазъи муосир ва хусусиятҳои ташаккули маблағгузории хурдро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ, самаранокии маблағгузории хурдро тавассути ташкилотҳои қарзӣ арзёбӣ ва мушкилоти асосиро дар раванди ташкили маблағгузории хурд дар кишвар номбар кардааст (С.62-107).

Дар зербоби 2.1, дар баробари коҳиши шумораи умумии ташкилотҳои қарзӣ, кам шудани теъдоди ташкилотҳои маблағгузории хурд низ зикр шуда, агар дар аввали соли 2015 шумораи онҳо 120 ададро ташкил дода бошад, пас, дар охири ҳамон сол ин рақам то ба 106 адад коҳиш ёфта, дар соли 2023 бошад,

ба 47 адад омада расидани он қайд шудааст ва сабаби чунин тамоил, ба ақидаи муаллиф, дар баробари тағйирот дар сиёсати ташкилотҳои қарзӣ, гузариш аз хизматрасонии наздик ё бо ҳузури ҷисмонӣ ба хизматрасонии фосилавиро нишон медиҳад (С.62-63). Чуноне муаллиф қайд кардааст, маблағгузории хурд аз «поён ба боло» дар чаҳорчӯби ташаббусҳои маҳаллӣ сурат мегирад ва аз ин рӯ, институтсионализатсия муносибатҳои молиявӣ дар инкишофи иқтисодии ташкилотҳои бахши маблағгузории хурд нақши назаррасро мебозад (С.66). Дар доираи ин зербоб динамикаи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар солҳои 2015-2022 (Ҷадвали 2.1), намудҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд дар соли 2022 (Ҷадвали 2.2), сохтори бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Расми 2.1), сармояи оиномавии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Расми 2.2), хизматрасонии пасандозии ташкилотҳои маблағгузории хурд (Ҷадвали 2.3), динамикаи амонатҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд дар солҳои 2015-2022 (Ҷадвали 2.4) таҳлил шудаанд (С.67-75).

Дар зербоби 2.2 муаллиф барои арзёбии самаранокии маблағгузории хурд, аз усули маъруфи SIPOC (supplier, input, process, output, customer) истифода бурда, дар заминаи амсиласозии бизнес-равандҳом М.Лагуна ва Ҷ.Маклунд алоқамандии равандҳои асосиро нишон дода (расми 2.3), усули мазкурро барои арзёбии раванди ташкили маблағгузории хурд истифода бурдааст (ҷадвали 2.5, с.78-79). Ба андешаи муаллиф, зиёд шудани теъдоди қарзгирони хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд дар оянда ба зиёд шудани шумораи ташкилотҳо бозори молиявӣ мусоидат хоҳад кард (ҷадвали 2.6, с.83). Муаллиф чунин тамоилро ошкор кардааст, ки маблағгузории хурд дар маҷмуъ дар давраи таҳлилшуда каме афзоиш ёфт, ки ин афзоишёбӣ бештар аз ҳисоби миёнаравии молиявӣ ва истеъмолот мебошад. Соҳаи кишоварзӣ, ки яке аз ҳадафҳои стратегии ҳукумат маҳсуб меёбад, ҳарчанд таносубаш нисбат ба ҳаҷми умумии қарзҳои хурд дар соли 2022 ба андозаи 32,2% нигоҳ дошта шуда бошад ҳам, дар давоми 7 сол (2015-2022) ба андозаи 155,7 фоиз рушд кардааст. Ин натиҷа нишон медиҳад, ки соҳаи мазкур тадриҷан ба қарзҳои хурд дастрасии бештаре пайдо кардааст (С.88). Барои муайян намудани самаранокӣ ва коэффитсиенти хавфи қарзҳои хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурд муаллиф алгоритми таҳиякардаи худро пешниҳод (с.90) ва онро ҳисоб карда баромадааст (Ҷадвали 2.10, с.91).

Дар зербоби 2.3 муаллиф доир ба масъалаҳое, ки барои инкишофи самараноки бозори маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод мекунанд, чунин хулоса кардааст: 1) Сатҳи нокифояи саводнокии молиявии қарзгирандагони маблағгузории хурд; 2) Теъдоди зиёди қарздиҳандагони ғайрирасмӣ дар бозори молиявӣ; 3) Набудани низоми ҳатмии суғуртаи қарзҳои

шахсони воқеӣ ва масъулияти молиявии ТМХ дар баробари самоягузорон ва 4) Меъёри баланди фоизҳо (С.94-104). Муаллиф чунин хулосаи илмӣ баровардааст, ки аввалан, ҳанӯз ҳам дар байни аҳолӣ талабот ба маблағгузории хурд баланд аст, сониян, бозори хизматрасонии молиявии хурд ба чораҳои иловагии танзим ниёз дорад ва ҳалли мушкилоти марбут ба ташкили маблағгузории хурд равиши комплексиро тақозо карда, марҳила ба марҳила бартараф карда мешавад (104).

**Дар боби сеюми кор,** ки ба дарёфти роҳҳои асосии муккаммалгардонии раванди маблағгузории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, муаллиф, муайянкунии хавфу хатарҳо ва имкониятҳои паст намудани он дар ҷараёни маблағгузории хурд, самтҳои асосии такмили танзими давлатии бозори маблағгузории хурд дар Тоҷикистон ва такмили фаъолияти маблағгузории хурд дар Тоҷикистон вазифагузорӣ кардааст (С.108-151).

Дар доираи зербоби 3.1 муаллиф сандуқи қарзҳоро дар ташкилотҳои амонатии қарзии хурд дар солҳои 2015-2022 мавриди таҳлил қарор дода, нишондиҳандаҳоеро ба монанди қарзҳои қолабӣ, қарзҳои ғайриқолабӣ, қарзҳои шубҳанок, қарзҳои хатарнок ва қарзҳои беэътимод таҳлил карда баромадааст (ҷадвали 3.2, с.112). Дар идома, бо истифода аз моделҳои ҳисобии таҳияшуда, дурнамои қарзҳои хурди додашуда ва пардохти онҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд барои солҳои 2022-2030, дар заминаи таҳлили ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда ва ҳаҷми қарзҳои хурди пардохтшуда ҳисоб карда шудааст (ҷадвали 3.3, с.114) ва тавассути муодилаҳои овардашуда самаранокӣ ва коэффитсиенти хавфи қарзҳои хурд дар ташкилотҳои маблағгузории хурдро барои солҳои 2022-2030 ҳисоб кардааст (ҷад. 3.4, с.115). Дар шакли диаграмма динамикаи дурнамои қарзҳои хурди додашуда-пардохташуда дар ташкилотҳои маблағгузории хурд барои солҳои 2022-2030 ифода ёфтааст (Диаграммаи 3.1, с.116). Ҷанбаи амалии кор бо он тақвият дода шудааст, ки муаллиф, дар натиҷаи маълумотҳои дастрасгардида аз филиали ҶДММ Ташкилоти қарзии хурд “Оксус” дар шаҳри Бохтар онҳое, ки аз ҳисоби баландшавии фарқияти қурб то ҳол маблағҳои гирфташударо пардохт накардаанд, зикр шудаанд (с.117) ва таҳлили омилии рейтинги эътимоднокии ТМХ гузаронида шудааст (Расми 3.1, с.120).

Дар зербоби 3.2 як қатор тавсияҳои муаллифӣ барои мукаммалгардонии асосҳои ташкилӣ ва меъёрию ҳуқуқии раванди маблағгузории хурд дар кишвар таҳия ва пешниҳод шудааст (ҷадвали 3.7, с.130-131). Муаллиф хулоса кардааст, ки минбаъд тамоюлҳои зерин дар бозори хизматрасониҳои молиявии хурд авҷ гирифтанашон мумкин аст: якум, дар қиёс бо қарзҳои истеъмолӣ, қарзҳои хурд тезтар рушд мекунанд; дуюм, инфрасохтори бозори молиявии хурд ривоҷ меёбад; сеюм, шиддати баланди рақобат дар ин бозор боиси

махсусгардонии ниҳодҳои молиявию қарзӣ ва раддабандии муштариён мегардад; чорум, мизоҷон аз баланд бардоштани саводнокии молиявӣ баҳра хоҳанд бурд, ки натиҷаи татбиқи стратегияҳои фарогирии молиявӣ хоҳад буд; панҷум, аз як тараф, талаботи БМТ меафзояд, аз тарафи дигар, ТМХ механизмҳои худтанзимкуниро фаъолона ҷорӣ мекунанд; шашум, сарчашмаҳои маблағгузории ин раванд тадриҷан меафзоянд ва диверсификатсия мешавад (С.136-137).

Дар зербоби 3.3 сохтори такмилшудаи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчун зинаи сеюм ташкилотҳои маблағгузории хурд пешниҳод шудааст (Расми 3.3, с.143). Ба андешаи муаллиф, барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди фаъолияти маблағгузории хурд бояд маҷмӯи чораҳо, аз ҷумла гузариш ба низоми соддакардашудаи андозбандӣ; таҳияи низоми имтиёзҳо ва имтиёзҳо барои ТМХ, ки сегментҳои афзалиятноки бозорро қарз медиҳанд ва таъсиси барномаҳои давлатии дастгирии маблағгузории хурд андешида шаванд (С.146). Ӯ дуруст қайд кардааст, ки афзоиши талабот ба қарзҳои истеъмолӣ ва мушкилоте, ки дар бахши маблағгузории хурд ба миён меоянд, зарурати мутобиқсозии қонунгузорӣ ба воқеиятҳои муосири иқтисодиро нишон медиҳанд (С.151).

Дар хулосаи таҳқиқот натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ҷамъбаст гардида, тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии онҳо ироа гардидаанд (С.152-155).

**8. Эродҳо ва мавридҳои баҳсталаб оид ба диссертатсия.**

1. Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки саводи нокифоя дар бораи воситаҳои молиявӣ ва принсипҳои пешбурди тиҷорат истифодаи самараноки маблағгузории хурдро бозмедорад, аммо, оид ба қобилияти пасти харидории аҳолӣ, ки талаботро ба маблағгузории хурд маҳдуд мекунанд, муфассалтар меистод, хуб мешуд.

2. Ба корҳои илмии як қатор олимони ватанӣ, ки номҳояшон дар қисмати муқаддимавии кор зикр шудааст, истинод нашудааст.

3. Дар натиҷаи дурнамосозӣ муаллиф муайян кардаастд, ки дар шаш соли оянда ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда зимни бетағйир боқӣ мондани дигар ҷузъҳои таркибӣ, 31,1 фоиз меафзояд, агар ин ҳисобҳо бо нишондиҳандаҳои умумии низоми қарзӣ муқоиса мешуд, эътимоднокии дурнамо меафзуд.

4. Баъзе ҷадвалҳои калонҳаҷмро, аз қабили ҷадвалҳои 2.3; 2.8; 3.2 ва 3.7 дар қисмати "Замимаҳо" пешниҳод кардан мумкин буд.

5. Дар қисмати "Адабиёт" қисман таснифот ба зербандҳои дахлдор сурат нагирифтааст.

Аммо, камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, ба мазмуни баланди илмии кор таъсир намерасонанд ва арзиши таҳқиқоти анҷомёфтаро коста намегардонанд. Эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

9. **Мутобиқати автореферат ба диссертатсия.** Таҳлил нишон дод, ки автореферати диссертатсияи Б.Б. Имомализода дар мавзуи «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» фишурдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, дар он муҳимтарин натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии муаллиф дарҷ гардидаанд. Автореферати диссертатсия ба талаботи КОА ҷавобгӯ мебошад ва ҳамаи қисматҳои заруриро дар бар гирифтааст.

10. **Хулосаи умумии муқарризи расмӣ.** Таҳқиқоти анҷомдодаи Имомализода Баҳодур аз рӯйи сохторбандӣ, мазмуну муҳтаво, таркиби бобҳою зербобҳо ва пуррагии дарҷгардӣ дар интишороти муаллиф ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои ҳосилгардида дар такмили асосҳои назариявию илмии раванди маблағгузории хурд саҳмгузор мебошанд.

Дар умум, диссертатсияи Имомализода Б.Б. дар мавзуи «Ташаккулёбии маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқаррароти "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ буда, дар сатҳи баланди илмию методӣ иҷро гардида, кори анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:**
**Профессори кафедраи**
**кори бонкии ДМТ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ** **Ҳикматов У.С.**

Суроға: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17). Сомонаи расмӣ https://www.tnu.tj

Имзои Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевичро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДМТ ______________ Тавқиев Э.Ш.